**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Марворид Олим, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.03.01 – Физиология пешниҳод шудааст.**

Мубраммии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Каримзода Марворид Олим дар он инъикос меёбад, ки он ҷиҳати амалӣ гардидани Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040 дар самтҳои асосии рушди иқтисодӣ, чорводорӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Каримзода М. О. соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-ро бо ихтисоси «Биолог-омӯзгор» хатм намудааст. Соли 2017 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзона аз руйи ихтисоси 03.03.01-физиологияи кафедраи «Физиологияи одам ва ҳайвонот»-и ДМТ дохил шуда, барои гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ ӯ ба шуъбаи хӯронидани чорво ва технологияи истеҳсоли хӯрокаи Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон равона гардида буд. Аз соли 2017 то 2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи “Анатомия ва физиология”-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2022 то ҳол дар кафедраи “Биохимия ва генетика”-и факултети биологияи донишгоҳи номбурда кор мекунад.

Кори диссертатсионӣ аз муққадима ва 4 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 195 номгуйиро дар бар мегирад, аз он ҷумла 160 номгуйи бо забони русӣ, 35-адади дигар бо забони хориҷӣ ва 21- номгуйи корҳои илмии довталаб иборат аст.

Дар муққадима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ассоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шарҳи адабиёт маълумоти умумӣ оид ба аҳамияти физиологӣ-биохимиявии бентонит ва премиксҳо дар раванди афзоиш, инкишоф ва функсияҳои физиологии чорво». Дар натиҷаи омӯзиши маълумоти адабиёти аҳамияти бентонит ва премикс дар баланд бардоштани таркиби ғизоии хӯрокаҳо ва ҳамзамон нақши онҳо дар ҳазм ва ҷаббиши модаҳои ғизоӣ дар системаи ҳозимаи чорворо пурра намуда бо итминони

комил метавон гуфт, ки маводи тадқиқшаванда дар рушд ва инкишофи чорво ва дигар самтҳои саноат нақши намоёнро ишғол менамояд.

Дар боби дуюм «Қисми экспериментали (таҷрибавӣ). Шароит, мавод ва усулҳои таҳқиқот» Ҷиҳати иҷрои кори дисертатсионӣ объекти таҳқиқот гӯсолаҳои то синни 6-моҳа дар шароити хоҷагии фермерии зотпарварии ба номи А. Юсупови шаҳри Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои август, октябр ва ноябр таҷрибаҳо гузаронида шуд. Барои гузарондани таҷрибаҳо аз рӯйи усули муқоиса, афзоиши миёнаи шабонарӯзии вазни зинда се гурӯҳи гӯсолаҳои зоти тоҷикии сиёҳало истифода карда шуд. Ба вояи асосии хӯрокаи (ВАХ) гурӯҳи таҷрибавӣ + 80 г премикси витаминию минералии «Букача» (таҷрибавӣ) илова карда шуд, ки дар таркиби он ба сифати иловакунандаи асосӣ бентонити истеҳсоли маҳаллӣ истифода гардид, ба гурӯҳи дуюми таҷрибавӣ ВАХ бошад +80-100 г бентонити аз кони Шар-Шар гирифта вобаста ба синну соли гӯсолаҳо илова карда шуд ва ба гурӯҳи сеюм гурӯҳи назоратӣ вояи хӯроке, ки дар хоҷагии мавҷудбуда истеҳсол мешавад истифода шуд.

Дар боби сеюм «Ҳазмшавии моддаҳои ғизоии растании хӯрокаи гӯсолаҳо» оварда шудааст. Ба воситаи таҷрибаҳои тавозунӣ ҳамаи воридшавӣ ва ихроҷи нитроген, аминокислотаҳо ва моддаҳои минералӣ дар асоси натиҷаи бадастомада, дараҷаи истифода, азхудшавӣ ва бо сафеда ва моддаҳои ғизоӣ таъминшавии чорво ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишондиҳандаҳои физиологӣ, гематологӣ, газу неруии гӯсолаҳо, ки омӯзиши инфиродӣ дар робита бо таъсири иловаҳои минералии хӯрока (гили бентонити маҳаллӣ ва премикси витаминию минералии «Буқача») дар хӯрокдиҳии гӯсолаҳо то синни шашмоҳагӣ қарордошта исбот меҳамояд, ки истифодаи ин маводҳо ба раванди афзои ва инкишофи организм, муассирии равандҳои мубодилавӣ ва мутобиқшавии чорво ба шароити экологии водии Ҳисор таъсири хуб мерасонад.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Марворид Олим мавзӯи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
ходими пешбари Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, Иргашев Т.А.

«20» 08 2025

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
Гипрозем 17
Телефон: (+992) 918 42 20 34
E-mail: irgashevt@ mail.ru

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Т.А. Иргашевро тасдиқ мекунам:

Сармутахассис оид ба кадрҳои
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Асоева С. Х

ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
Гипрозем 17
Телефон: (+992) 231-06-67
E-mail: chorvodori@ bk.ru.

«20» 08 2025